**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷу Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» бе шубҳа мубрам баҳисоб меравад, зеро асоси ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон маҳз дар синфҳои болоӣ гузошта мешавад. Масъалаи мазкур боз аз он ҷиҳат мубрам ба ҳисоб меравад, ки ташаккули рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон имкон медиҳад, ки вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир насли навраси дорои тафаккури баланду созанда тарбия карда ба воя расонида шавад.

Ҳамзамон, иттилоотонии муассисаҳо ва ташкилотҳои таҳсилоти умумӣ компютеркунонии ояндаро пешбинӣ менамояд, ки мақсади он расидан ба нишондиҳандаҳои ҷаҳонӣ доир ба таъмин будан бо техникаи компютерӣ, васл шудани муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи Интернет, коркард ва ҷорисозии низоми таълимоти фосилавӣ (дистансионӣ) дар тамоми сатҳҳои таълим, таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёна баррасӣ шудааст. Маҳз аз ҳамин сабаб масъалаи мазкур дар сатҳи давлату ҳукумат баррасӣ гардида, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам дар баромадҳояш таъкид мегардад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомёфта барои кашфи моҳияти фаъолияти ибтикории омӯзгори фанни технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он дар ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ ва инчунин рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ унвонҷу чунин натиҷагирӣ намудааст: аҳамияти назариявии сохтори қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми истифодаи ТИК дар марҳилаи равандҳои рушди онҳо асоснок карда шудааст; ҷузъҳои мақсаднок, муҳтаво ва арзишманд будани қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон муайян карда шудааст. Муқаррароти таҳқиқот метавонад ҳамчун асосҳои назариявӣ барои таҳқиқотҳои оянда дар самти

баландбардории сифати омодагии касбии хонандагони МТМУ, ҳамчунин дигар фанҳо дар соҳаи ҷустуҷӯи самаранок, воситаҳо ва шаклҳои таҳсил хизмат кунад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар он муайян карда мешавад, ки: таъминоти таълимӣ-методии усул; курси муаллифии интихобии «Коркарди захираҳои электронии таълимӣ»; дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ барои хонандагон ва маҷмуаи захираҳои чандрасонаии интерактивӣ оид ба информатика ва ғайраҳо коркард шуданд. Ин таъминоти таълимӣ-методиро омӯзгорон метавонанд дар низоми ТОК ва ТМК ҳангоми омодасозии мутахассисон-амалгарони ояндаи соҳаи информатика, инчунин шунавандагони системаи такмили ихтисос истифода баранд.

Лозим ба таъкид аст, ки унвонҷу зимни ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ҳар як марҳилаи таҳқиқот нуктаҳои дар фарзия пешбинишударо оид ба асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар амал татбиқ намояд.

Унвонҷу комилан дуруст зикр менамояд, ки яке аз унсурҳои асосии фарҳанги умумӣ ин рушду нумӯи фарҳанги иттилоотӣ буда, падидаи муҳим дар низоми таҳсилот, бахусус, сифатҳои он дар шахсияти инсон ва уҳдадориҳои касбии он таҷассум меёбад. Инчунин ташаккули шахсияти хонанда (пешгӯикунандаи инкишофи тарзи ифодаи фикр, қобилияти муошират, рушди маҳоратҳои қабул намудани қарорҳои оптималӣ дар вазъиятҳои печидаву душвор ва маҳорати фаъолияти таҳқиқотиро таъмин менамояд, таълимгирандагонро ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ-маърифатӣ тайёр менамояд.

Кори ҷолибе, ки унвонҷу анҷом додааст ин муайян ва ошкор сохтани принсипҳои татбиқи ТИК дар раванди омӯзиши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Инҳо принсипҳои бартарияти ошкоро; принсипи асоснокии захираҳо мебошанд. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия се намуди захираҳо барои ҷараёнҳои роҳандозӣ намудан ва истифода аз ТИК дар ҷараёни таълим зарур мебошанд: молиявӣ (бо харидорӣ кардан ва ҳамроҳии техника ва таъминоти барномавӣ тавъам аст); хароҷоти муваққатии омӯзгор дар омода намудани воситаҳо ва маводҳои таълимӣ барои амалӣ намудани ТИК; хароҷоти муваққатии омӯзгор дар ҷараёни амалӣ намудани онҳо.

Довталаб бо анҷом додани чунин як кори захматталаб собит сохтааст, ки мутахассиси салоҳиятманди соҳаи хеш маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба андешаи ман, таҳқиқоти Файзалии Мирзоалиро метавон кори илмии бaанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявию амалӣ ҳисобид.

Хуллас, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», таҳқиқоти комил ва анҷомёфта аст. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои педагогӣ, сардори маркази омӯзишӣ, сертификатсионӣ ва рушди инноватсия; муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод**

28 апрели соли 2025

**Маълумот барои тамос:**

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, маркази омӯзишӣ, сертификатсионӣ ва рушди инноватсия

Почтаи электронӣ: Rustam_N@hotmail.com

*«Имзои Назарзода Р. С. -ро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Раҳматулло Нусратулло